**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-003**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**Суроға: 734025, ш. Душанбе, маҳаллаи**
**Буни Ҳисорак, Шаҳраки донишҷӯён,**
**бинои таълимии 7**

## ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ номзади илмҳои иқтисодӣ, муҳосиби ҶДММ «ЦАИ Консалтинг Тоҷикистон» Розиев Дилшод Астанақулович ба диссертатсияи Каримиён Мадинаи Баҳодур дар мавзуи «Рушди методикаи баҳисобгирии воситаҳои асосӣ дар шароити корбурди стандартҳои байналмилалӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd) - доктор аз рӯйи ихтисос, ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит) пешниҳод шудааст**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Диссертатсияи Каримиён Мадинаи Баҳодур дар мавзуи «Рушди методикаи баҳисобгирии воситаҳои асосӣ дар шароити корбурди стандартҳои байналмилалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd) - доктор аз рӯйи ихтисос, ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит) ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит) мутобиқ аст: 1.2. Методологияи ташаккули нишондиҳандаҳои баҳисобгирӣ, ки дар сатҳи микро- ва макроиқтисод маҷмуи иҷтимоию иқтисодиро тавсиф мекунанд, 1.3. Асосҳои методологӣ ва вазифагузориҳои мақсадноки баҳисобгирии муҳосибӣ, 1.5. Танзим ва стандартикунонии қоидаҳои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ҳангоми ташаккули маълумоти ҳисоботӣ, 1.6. Мутобиқгардонии низомҳои гуногуни баҳисобгирии муҳосибӣ, мувофиқати онҳо ба стандартҳои байналмилалӣ.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Яке аз омилҳои асосии рушди иқтисодии корхона пойгоҳи техникии истеҳсолот мебошад, ки ҷузъҳои он дар баҳисобгирии муҳосибӣ ҳамчун воситаҳои асосӣ инъикос карда мешаванд. Воситаҳои асосӣ – дороиҳои дарозмуҳлат мебошанд, ки корхонаҳо онҳоро дар фаъолияти хоҷагидории худ зиёда аз як сол истифода бурда, аз ин ҳисоб даромад мегиранд ва арзиши онҳоро дар давоми муҳлати истифодаи нафъоварашон ботадриҷ ба арзиши аслии маҳсулот (иҷрои корҳо ва хизматрасониҳо) мегузаронанд. Аз ин ҷост, ки хусусияти асосии воситаҳои

асосӣ ҳамчун объекти баҳисобгирии муҳосибӣ ҳисобузам кардани истеҳлок мебошад.

Қарорҳои роҳбарияти корхонаҳо оид ба харид ва навкунии воситаҳои асосӣ хеле муҳим мебошанд, зеро аксаран ин амалиёт бо харҷи зиёди сарватҳои пулӣ анҷом дода мешаванд, ки ба вазъи молиявии корхона дар давоми муҳлати тӯлонӣ таъсир мерасонанд. Таркиб ва сохтори воситаҳои асосӣ, истифодаи самараноки онҳо ҳамчунин ба натиҷаҳои молиявии фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ таъсири муҳим мерасонанд. Бинобар ин, масъалаи ташкил ва пешбурди дурусти баҳисобгирии воситаҳои асосӣ, саривақт ба баҳисобгирӣ қабул кардани онҳо, дуруст ба роҳ мондани баҳисобгирӣ ва назорати амалиёт бо воситаҳои асосӣ, аз ҷумла, ҳисобузамкунии истеҳлок, барқарорсозӣ ва таъмири онҳо барои низоми идоракунии корхонаҳои муосир аҳамияти калон дорад. Муҳимӣ ва мубрамии масъалаҳои мазкур дар шароити татбиқи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (СБҲМ) боз ҳам бештар мешавад, зеро имрӯз вобаста ба равандҳои ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ талаботи истифодабарандагони ҳисоботи молиявии дар асоси маълумоти баҳисобгирии муҳосибӣ бунёдгардида ба иттилооти саҳеҳ ва саривақтӣ дар бораи объектҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, аз ҷумла воситаҳои асосӣ қатъитар гардидааст.

Ҳама ҷиҳатҳои зикргардида гувоҳӣ медиҳанд, ки масъалаҳои баҳисобгирии муҳосибии воситаҳои асосӣ, ташаккули иттилоот оид ба воситаҳои асосӣ дар ҳисоботи молиявӣ, рушди методикаи баҳисобгирии воситаҳои асосӣ дар шароити СБҲМ барои илм ва амалияи баҳисобгирии муҳосибӣ муҳим мебошанд, ки ин мубрамии мавзуи интихобгардидаи диссертатсияи тақризшавандаро тасдиқ мекунад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Натиҷаҳои таҳқиқот бо такя ба омӯзиши адабиёти тахассусии соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ, истифодаи маълумоти воқеӣ аз фаъолияти хоҷагидории корхонаҳои тиҷоратӣ, коркарди оморию таҳлилии иттилоот ба даст омада, дорои навгонии илмӣ мебошанд ва барои ҳалли масъалаҳои мубрами назариявию методологӣ ва мушкилоти амалии баҳисобгирии воситаҳои асосӣ дар шароити СБҲМ равона гардидаанд. Ҳамчун натиҷаҳои асосии таҳқиқот, ки **дорои навгонии илмӣ мебошанд**, инҳо ҷудо карда шудаанд (саҳ. 7-9):

1. Ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии дарки моҳияти иқтисодии воситаҳои асосӣ ҳамчун объекти муҳими баҳисобгирии муҳосибӣ таҳқиқ шуда, мафҳуми муҳосибии воситаҳои асосӣ дар тафовут аз истифодаи он дар илмҳои дигари иқтисодӣ аниқ карда шудааст. Мақоми воситаҳои асосӣ дар баҳисобгирии муҳосибӣ ва муҳимии масъалаи баҳисобгирии воситаҳои асосӣ

дар низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои иқтисодӣ муайян карда шудааст.

2. Масъалаҳои рушди усулҳои баҳодиҳии воситаҳои асосӣ аз нигоҳи таъсири арзиши онҳо ба нишондиҳандаҳои самаранокии иқтисодии фаъолияти корхонаҳои муосир дар шароити татбиқи СБҲМ таҳқиқ гардида, аҳамият ва мубрамии онҳо дар низоми баҳисобгирии муҳосибии корхонаҳои тиҷоратӣ тасдиқ карда шудааст. Ҳамчунин хусусиятҳои баҳисобгирии муҳосибии воситаҳои асосӣ дар алоқамандӣ бо рушди методикаи баҳисобгирии онҳо дар шароити татбиқи СБҲМ муайян карда шудаанд.

3. Дар асоси таҳлили вазъи баҳисобгирии муҳосибии воситаҳои асосӣ дар партави муқаррароти СБҲМ мушкилоти робитаи байниҳамдигарии баҳисобгирии муҳосибии молиявӣ ва баҳисобгирии андоз ошкор ва арзёбӣ карда шудааст. Аҳамияти баҳисобгирии молиявӣ ҳамчун пойгоҳи иттилоотии идоракунии воситаҳои асосӣ дар корхонаҳои тиҷоратӣ, воситаи таъмини истифодабарандагон бо иттилоот, аз ҷумла иттилоот дар бораи воситаҳои асосӣ барои тартиб додани ҳисоботи андоз (андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ) тасдиқ карда шудааст.

4. Мушкилоти муосири баҳисобгирии муҳосибии барқарорсозӣ ва навкунии воситаҳои асосӣ таҳқиқ карда шуда, роҳҳои беҳгардонии баҳисобгирии маблағгузории хароҷоти таъмири воситаҳои асосӣ, баланд бардоштани саҳеҳии инъикоси хароҷоти мазкур дар ҳисоботи молиявӣ муайян карда шудаанд. Методикаи баҳисобгирии хароҷоти таъмири воситаҳои асосӣ таҳия карда шудааст.

5. Вазъи ташкил ва пешбурди баҳисобгирии идоракунии воситаҳои асосӣ дар корхонаҳои тиҷоратӣ таҳқиқ карда шуда, ҷанбаҳои идоракунии баҳисобгирии воситаҳои асосӣ дар шароити татбиқи стандартҳои байналмилалӣ таҳлил ва арзёбӣ карда шудаанд. Ба хотири беҳгардонии сиёсати истеҳлок дар доираи баҳисобгирии идоракунӣ роҳандозӣ намудани тадбирҳои зарурӣ, аз ҷумла вобаста ба беҳгардонии тарҳҳои истеҳлок пешниҳод гардидааст.

6. Дар асоси такмили сиёсати истеҳлок ва мутобиқсозии он ба шароити корбурди СБҲМ роҳҳои такмили методикаи баҳисобгирии муҳосибии воситаҳои асосӣ муайян карда шудаанд. Зарурати омӯзиши амиқи асосҳои методологии раванди такрористеҳсоли воситаҳои асосӣ дар шароити муосир тасдиқ ва нақши тарҳҳои истеҳлок дар маблағгузории рушди иқтидори техникии субъектҳои иқтисодӣ муайян карда шудааст. Тадбирҳо барои пурзӯр намудани нақши сиёсати истеҳлок ҳамчун унсури сиёсати баҳисобгирӣ пешниҳод карда шудаанд.

7. Тасдиқ гардидааст, ки яке аз ҷиҳатҳои асосии мутобиқсозии низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ ба шароити корбурди СБҲМ ин такмили раванди ташаккули иттилоот дар бораи воситаҳои асосӣ дар ҳисоботи молиявӣ мебошад. Дар робита бо ин мушкилоти асосӣ дар баҳодиҳии арзиши аввалии воситаҳои асосӣ ва корбурди мафҳуми арзиши барҳамдиҳӣ дар амалияи миллии баҳисобгирии воситаҳои асосӣ муайян карда шуда, роҳҳои ҳалли онҳо аз ҷумла тавассути татбиқи методикаи таҳияшудаи ҳисобкунии маблағи истеҳлоки воситаҳои асосӣ бо назардошти арзиши барҳамдиҳӣ нишон дода шудааст.

**Асосокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Диссертатсияи тақризшаванда бо сабки хуби илмӣ навишта шуда, дар он пайдарпайии мантиқии зикри масъалаҳои баррасишаванда ва муайян кардани муқаррароти асосӣ риоя гардидааст, мустақилияти муаллиф дар ифшои ҷанбаҳои назариявию методологӣ ва ҳалли мушкилоти амалии баҳисобгирии муҳосибии воситаҳои асосӣ ҳамчун унсури муҳими ҳисоботи молиявии субъектҳои хоҷагидорӣ мушоҳида мешавад. Ҳамчунин таҳқиқот дорои пойгоҳи воқеъбинонаи далелҳо мебошад. Муаллифи диссертатсия объект ва предмети таҳқиқотро дуруст муайян карда, мақсад ва вазифаҳои муносибро муқаррар кардааст. Дар таҳқиқот усулҳои муосири илмии ба вазифаҳои гузошташудаи он мувофиқ истифода шудаанд. Муқаррароти асосӣ ва натиҷаҳои илмии таҳқиқот бо матни диссертатсия ҳамбастагии мантиқӣ доранд ва аз вазифаҳои гузошташуда бармеоянд. Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда асоснок буда, моҳияти таҳқиқотро инъикос мекунанд.

Асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот бо саҳеҳии муқаррароти асосӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои таҳиягардида тасдиқ мешавад. Дар навбати худ, саҳеҳии муқаррароти асосии диссертатсия бо он муайян мегардад, ки довталаби дараҷаи илмӣ ҷиҳатҳои асосӣ, хулоса ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршударо бо такя ба омӯзиши корҳои илмии олимон ва муҳаққиқони ватанию хориҷӣ оид ба мушкилоти рушди методикаи баҳисобгирии воситаҳои асосӣ дар шароити СБҲМ таҳия карда, онҳоро дар конференсияҳои илмию амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ба тасвиб расонидааст.

Сохтори диссертатсия, муқаррар кардани мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, натиҷагирӣ ва алоқамандии мантиқии ибрози ақидаҳо тасдиқ мекунанд, ки муаллиф вазифаҳои гузошташударо амиқ дарк намуда, ҷанбаҳои гуногуни масъалаҳои ташкил ва рушди методикаи баҳисобгирии воситаҳои асосиро дар шароити корбурди СБҲМ баррасӣ карда, роҳҳои ҳалли мушкилоти дахлдорро дарёфт кардааст.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, бахши хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад. Ҳаҷми умумии кор 186 саҳифаи матнро ташкил дода, расмҳо ва ҷадвалҳо, инчунин рӯйхати адабиётро бо 148 номгӯй дар бар мегирад.

Дар бахши муқаддимаи таҳқиқот мубрамии мавзуи диссертатсия асоснок карда шуда, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ нишон дода шудааст, мақсад, *вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот муайян гардидаанд, маълумот оид ба* ҷиҳатҳои дигари тавсифдиҳандаи диссертатсия оварда шудааст.

Дар боби якум, ки «Асосҳои назариявӣ ва ҷанбаҳои методологии баҳисобгирии воситаҳои асосӣ» ном дорад, дар асоси омӯзиши адабиёти тахассусии соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва дигар соҳаҳои ҳамҷавор моҳияти иқтисодии воситаҳои асосӣ муайян карда шуда, масъалаҳои назариявии баҳодиҳӣ ва азнавбаҳодиҳии воситаҳои асосӣ таҳқиқ ва хусусиятҳои баҳисобгирии воситаҳои асосӣ мутобиқи СБҲМ муайян карда шудаанд.

Муаллиф ба ифшои масъалаҳои назариявии баҳисобгирии муҳосибии воситаҳои асосӣ дахл намуда, нуктаҳои муҳими аз омӯзиши адабиёти тахассусӣ бардоштаи худро вобаста ба моҳияти воситаҳои асосӣ, алоқамандии мафҳумҳои бо баҳисобгирии воситаҳои асосӣ алоқаманд, монандӣ ва тафовутҳои онҳоро муайян карда (саҳ. 13-21), ақидаи худро оид ба тафсири воситаҳои асосӣ баён кардааст (саҳ. 22). Дар ин маврид, ӯ дуруст қайд мекунад, ки дар баҳисобгирии муҳосибии воситаҳои асосӣ мафҳуми истеҳлок яке аз мафҳумҳои асосие мебошад, ки тафсир ва корбурди он мушкилоти бештар ба миён меорад. Бинобар ин, дар бахши назариявию методологии таҳқиқот ба таҳқиқи мушкилоти вобаста ба истеҳлоки воситаҳои асосӣ ва роҳҳои бартараф кардани онҳо диққати ҷиддӣ дода шудааст (саҳ. 23-25). Ба ақидаи муаллиф, ки аз нигоҳи илмӣ ҷолиб аст, дар шароити муосири бозор корбурди мафҳуми истеҳлоки воситаҳои асосӣ бояд ба таври ҷиддӣ бозбинӣ карда шавад, то ки маблағҳои ғуншудаи он ҳамчун манбаи барқарорсозӣ ва навкунии пойгоҳи техникии истеҳсолот истифода шаванд.

Ба бартарии бахши назариявию методологии таҳқиқот инчунин метавон ҷудо намудани хусусиятҳои баҳисобгирии воситаҳои асосиро вобаста ба шароити корбурди СБҲМ мансуб донист. Муаллиф дуруст қайд мекунад, ки хусусияти асосии воситаҳои асосӣ, ки ба баҳисобгирии онҳо таъсири муҳим мерасонад, мухлати тӯлонии истифодаи онҳо мебошад. Ӯ исбот мекунад, ки аксари мушкилоти бо баҳисобгирии воситаҳои асосӣ алоқаманд, маҳз аз ҳамин хусусият маншаъ мегиранд, аз ҷумла, мушкилоти муайян кардани арзиши хариди воситаҳои асосӣ (саҳ. 51-52), эътирофи воситаҳои асосӣ (саҳ. 55-56), таснифи хароҷоти воситаҳои асосӣ ва муайян кардани арзиши тавозунии онҳо (саҳ. 57-61).

Дар боби дуюми диссетратсия – «Баҳодиҳии вазъи муосири баҳисобгирии воситаҳои асосӣ» муаллиф вазъи баҳисобгирии муҳосибии воситаҳои асосиро дар корхонаҳои тиҷоратӣ таҳлил карда (саҳ. 66-82), ба мушкилоти асосии баҳисобгирии барқарорсозӣ ва таъмири воситаҳои асосӣ (саҳ. 83-99) ва баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити татбиқи СБҲМ диққат додааст (саҳ. 100-114).

Таҳлили раванди ислоҳоти низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ, ки довталаби дараҷаи илмӣ анҷом додаст, ҳаматарафа ва амиқ буда, дар асоси он мушкилоти асосии ба амалисозии ҳадафҳои ислоҳот монеъшаванда муайян карда шудаанд. Муаллиф дуруст қайд кардааст, ки мухолифати байниҳамдигарии қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрию ҳуқуқии танзимкунандаи соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ эҷодкунандаи асосии мушкилот мебошанд. Вобаста ба ин, бо таҳлили муқаррароти Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон (саҳ. 71-72) ва фаъолияти муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ дар диссертатсия хулосаи асоснок бароварда шудааст, ки баҳисобгирии муҳосибӣ, аз ҷумла баҳисобгирии воситаҳои асосӣ бештар на ба манфиати соҳибмулкони корхонаҳо, балки ба манфиати мақомоти андоз нигаронида шудааст. Ҳамин аст, ки субъектҳои иқтисодӣ ба хотири пайдо нашудани муноқишаҳои молиявӣ бо мақомоти назорати давлатӣ бештар ба вайрон накардани қоидаҳои баҳисобгирии андоз таваҷҷуҳ мекунанд (саҳ. 73-74).

Муаллиф бо арзёбии вазъи баҳисобгирии барқарорсозӣ ва таъмири воситаҳои асосӣ дар корхонаҳои тиҷоратӣ ва муайян кардани мушкилоти асосӣ дар ин самт дуруст қайд мекунад, ки бо вуҷуди дар санадҳои меъёрӣ муайян нашудани қоидаҳои баҳисобгирии барқарорсозӣ ва таъмири воситаҳои асосӣ, корхонаҳо бо такя ба таҷрибаи байналмилалӣ, метавонанд мушкилоти баҳисобгириро дар ин самт бартараф кунанд (саҳ. 87-91). Барои ҳалли масъалаи мазкур муаллиф тавсияҳои аз ҷиҳати амалӣ ҷолиб пешниҳод кардааст, аз ҷумла вобаста ба интихоби ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ барои соқит кардани хароҷоти таъмири воситаҳои асосӣ (саҳ. 92-93) ва беҳсозии сиёсати истеҳлок (саҳ. 94-99).

Дар боби сеюми диссертатсия - «Роҳҳои такмили методикаи баҳисобгирии воситаҳои асосӣ дар шароити корбурди стандартҳои байналмилалӣ» масъалаҳои такмили сиёсати истеҳлок ва мутобиқсозии он ба шароити корбурди СБҲМ баррасӣ гардида, роҳҳои такмили раванди ташаккули иттилооти ҳисоботӣ дар бораи воситаҳои асосӣ муайян карда шудаанд.

Муаллиф дуруст қайд мекунад, ки сиёсати истеҳлок ҳамчун қисми таркибии сиёсати иқтисодии давлат фишанги муҳими таъсиррасонӣ ба фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ мебошад (саҳ. 115) ва роҳандозӣ нашудани сиёсати давлатии фарогири ҷанбаҳои гуногуни истифодаи воситаҳои асосӣ ҳамчун заминаи рушди иқтидори истеҳсолии субъектҳои иқтисодӣ дар мамлакат боиси коста шудани механизми такрористеҳсоли воситаҳои асосӣ дар корхонаҳо гардида, маблағҳои истеҳлоки ғуншуда ба талаботи молиявӣ барои навкунии пойгоҳи моддии истеҳсолот мувофиқат намекунанд (саҳ. 116). Барои ҳалли мушкилоти баҳисобгирии воситаҳои асосӣ, ки аз нокомилии сиёсати истеҳлок бармеоянд, муаллиф тавсияҳои барои амалияи баҳисобгирии муҳосибӣ судманд пешниҳод кардааст, аз ҷумла доир ба эҳёи фонди истеҳлок (саҳ. 119-125), интихоби усулҳои ҳисобузам кардани истеҳлок (саҳ. 128-130) ва ҳамбастакунии сиёсати истеҳлок бо сиёсати андозбандӣ (саҳ. 131-135), ки ба андешаи мо қобили дастгирӣ мебошанд.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Аҳамияти илмии таҳқиқот аз он муайян мегардад, ки муҳтавои диссертатсия, муқаррароти асосӣ ва натиҷаҳои назариявию методии он барои иҷрои таҳқиқот дар самти такмили баҳисобгирии муҳосибии воситаҳои асосӣ дар шароити СБҲМ шароити мусоид муҳайё месозанд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки татбиқи натиҷаҳо, муқаррарот ва тавсияҳои амалии дар диссертатсия пешниҳодшуда дар корхонаҳои тиҷоратӣ ба рушди баҳисобгирии муҳосибии воситаҳои асосӣ дар шароити корбурди СБҲМ мусоидат мекунад.

**Аҳамияти иқтисодии таҳқиқот дар он ифода меёбад**, ки натиҷаҳои диссертатсия ба рушди таъминоти ташкилию методии низомҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхонаҳои тиҷоратӣ созгор буда, ба баланд шудани самаранокии қабули қарорҳои идоракунӣ оид ба истифодаи самараноки воситаҳои асосӣ мусоидат мекунанд. Дар натиҷаи идоракунии дурусти воситаҳои асосӣ боздеҳии объектҳои воситаҳои асосӣ зиёд шуда, вазъи иқтисодии корхона беҳтар мешавад.

**Аҳамияти иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия** дар самаранокии истифодабарии воситаҳои асосӣ, баланд бардоштани боздеҳии онҳо ифода ёфта ба беҳгардии вазъи иҷтимоии соҳибмулкон, роҳбарият ва кормандони корхонаҳои тиҷоратӣ аз ҳисоби баланд шудани сатҳи даромаднокии фаъолияти корхона меорад.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Аз ҷониби муаллиф доир ба мавзуи диссертатсия 26 мақолаи илмӣ бо ҳаҷми умумии 10,5 ҷузъи чопӣ (8,5 ҷузъи чопии муаллиф), аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ба нашр расонида шудааст.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Каримиён Мадинаи Баҳодур дар мавзуи «Рушди методикаи баҳисобгирии воситаҳои асосӣ дар шароити корбурди стандартҳои байналмилалӣ» таҳқиқоти илмии бaанҷомрасида буда, сохтор ва муҳтавои он ба талабот барои додани дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd) - доктор аз рӯйи ихтисос, омода намудани диссертатсия, ташхиси диссертатсия дар шурои диссертатсионӣ ва дигар талаботи дар «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) муайяншуда ҷавобгӯ мебошад.

Диссертатсияи Каримиён Мадинаи Баҳодур ба меъёрҳои муқаррарнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сазовор донистани довталабон ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd) -

доктор аз рӯйи ихтисос, омода намудан ва санҷиши диссертатсия дар Шурои диссертатсионӣ, талаботи дигари Низомномаи Шурои диссертатсионӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқ аст.

Автореферати диссертатсия, ки мутобиқи талаботи муақарраршуда таҳия карда шудааст, мақсад ва муҳтавои асосии таҳқиқотро инъикос мекунад.

Забони навишти диссертатсия содa ва фаҳмо буда, дар он талаботи дахлдор оид ба ороиши корҳои илмӣ риоя шудаанд. Мақолаҳои доир ба мавзуи диссертатсия нашркардаи муаллиф паҳлуҳои асосии таҳқиқотро инъикос мекунанд. Натиҷаҳои таҳқиқотро метавон ҳамчун дастоварди нави илмӣ ҳисобид.

**Эродҳо доир ба диссертатсия**

Бо вуҷуди бартариҳои зиёд дар диссертатсия баъзе камбудиҳо низ ҷой доранд ки нисбат ба онҳо эродҳои худро баён мекунем:

1. Диссертатсия фарогири аксари ҷанбаҳои дорои мушкилоти баҳисобгирии воситаҳои асосӣ мебошад, вале ба масъалаи баҳисобгирии зарар аз коҳишёбии арзиши воситаҳои асосӣ диққат дода нашудааст.

2. Ҳангоми баррасии масъалаи мухолифати баҳисобгирии муҳосибии молиявӣ ва баҳисобгирии андоз вобаста ба баҳисобгирии воситаҳои асосӣ мушкилоти баҳисобгирии фарқҳои муваққатӣ пурра баррасӣ нашудаанд.

3. Дар параграфи 2.3, ки ба масъалаҳои баҳисобгирии идоракунии воситаҳои асосӣ бахшида шудааст, муаллиф бештар ба мушкилоти истеҳлоки воситаҳои асосӣ дахл намуда, мушкилоти дигари баҳисобгирии идоракуниро нодида гузаштааст. Хуб мешуд, агар масъалаи барои баҳисобгирии идоракунӣ муҳим - тақсими хароҷоти ғайримустақими бо нигоҳдории воситаҳои асосӣ алоқаманд низ баррасӣ мешуд.

4. Муаллиф барои ҳисоб намудани истеҳлоки воситаҳои асосӣ усули истеҳлоки босуръатро пешниҳод кардааст. Ба манфиати кор мебуд, агар ӯ дигар усулҳои ҳисобкунии истеҳлокро низ таҳлил намуда, ақидаи худро оид ба имконияти корбурди онҳо пешниҳод мекард.

5. Ақидаи муаллиф доир ба баҳодиҳии воситаҳои асосӣ бо арзиши аввалӣ дар лаҳзаи ба баҳисобгирӣ қабул кардани объектҳои воситаҳои асосӣ, ки дар саҳ. 146-147 зикр гардидааст, бо далелҳои мушаххас асоснок карда нашудааст. Хуб мебуд, агар вобаста ба ин масъала таҳлили нисбатан амиқи усулҳои дигари баҳодиҳӣ анҷом дода шуда, намудҳои дигари арзиш низ арзёбӣ мешуданд.

Бояд қайд кард, ки эродҳои мазкур хосияти тавсиявӣ доранд ва арзиши илмии диссертатсияро паст намекунанд.

**Хулосаи умумӣ.** Диссертатсияи Каримиён Мадинаи Баҳодур дар мавзуи «Рушди методикаи баҳисобгирии воситаҳои асосӣ дар шароити корбурди стандартҳои байналмилалӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd) - доктор аз рӯйи ихтисос, ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит) пешниҳод шудааст, ба меъёрҳои муқаррарнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба омода намудани диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd) - доктор аз рӯйи ихтисос ҷавобгӯ буда, дар сатҳи зарурӣ омода гардидааст ва таҳқиқоти илмии ба пуррагӣ анҷомёфта ба ҳисоб меравад.

Диссертатсияи Каримиён Мадинаи Баҳодур дар мавзуи «Рушди методикаи баҳисобгирии воситаҳои асосӣ дар шароити корбурди стандартҳои байналмилалӣ» ба талаботи муқаррарнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd) - доктор аз рӯйи ихтисос, ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит) арзанда мебошад.

**Муқаррizи расмӣ:**
номзади илмҳои иқтисодӣ, муҳосиби
ҶДММ «ЦАИ Консалтинг Тоҷикистон» Розиев Д.А.

**Имзои Розиев Д.А.- ро**
**тасдиқ мекунам:**
сардори шуъбаи кадрҳои ҶДММ
«ЦАИ Консалтинг Тоҷикистон» Шодиева Ф.М.

**Суроға:** 734012, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Х. Ахрорӣ, блоки 1, хонаи 140/1. Тел.: +992 (48)7020030, факс: +992 (48) 7020032, почтаи электронӣ: dilshod_01.06@mail.ru,www.caiconsulting.tj

16.05.2024 с.